# ҚОНУН ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
# ДАР БОРАИ ФАЪОЛИЯТИ ОБУҲАВОШИНОСӢ

(Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2002, №11, мод. 741; с. 2006, №3, мод.167; с. 2007, №7, мод. 441; с. 2011, №12, мод. 850; с. 2014, №7, қ 2, мод. 418)

(Қонуни ҶТ аз 3.03.2006 № 177, аз 13.06.2007 № 285, аз 26.12.2011 № 786, аз 26.07.2014 № 1121, аз 23.07.2016 № 1345)

Қонуни мазкур асосҳои ҳуқуқии фаъолиятро дар соҳаи обуҳавошиноси муқаррар намуда, ба таъмин намудани талаботи давлат, шахсони ҳуқуқию воқеи ба маълумоти обуҳавошиноси, инчунин иттилоот дар бораи вазъи муҳити зист равона гардидааст.

## БОБИ I. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

### Моддаи 1. Мафҳумҳои асоси

Дар Қонуни мазкур мафҳумҳои асосии зерин истифода бурда мешаванд:

- фаъолияти обуҳавошиноси - раванди мушоҳидаи вазъи муҳити зист, ҷамъовари, коркард, таҳлил, нигоҳдори, пешниҳод, баамалбарории маълумот ва пешгӯии тағйиребии вазъи муҳити зист, инчунин корҳои таъсиррасонии фаъолона ба раванди обуҳавошиноси ва дигар равандҳои геофизики;

- мониторинги муҳити табиии зист - мушоҳидаи дарозмӯҳлат ба вазъи муҳити зист, ҳодисаҳои табиии дар он баамалоянда, инчунин баҳодиҳи ва пешгӯии вазъи он;

- нуқтаи статсионарии мушоҳидави ба вазъи муҳити зист, (минбаъд нуқтаи статсионарии мушоҳидави) - маҷмӯе, ки қитъаи замин ё як қисми акваторияи (қитъаи баҳр, дарё ва ғайра) дар он асбобу анҷом ва таҷҳизотҳои барои муайян кардани хусусияти муҳити зист пешбинишударо дар бар мегирад;

- нуқтаи сайёри мушоҳидави ба вазъи муҳити зист (минбаъд - нуқтаи сайёри мушоҳидави) - маҷмӯе, ки аз платформаи (дастгоҳи парвозкунанда ё дигар воситаҳои ҳаракат) дар он асбобу анҷоми барои муайян кардани хусусияти муҳити зист насбшуда иборат аст;

- шабакаи мушоҳидави - маҷмӯи нуқтаҳои мушоҳидавии статсионари ва сайёр, аз ҷумла ҷойҳои навбатдори, стансияҳо, лабораторияҳо, марказҳо, идораҳои обуҳавошиноси, расадхонаҳо барои мушоҳида ба равандҳои физики ва кимиёвии дар муҳити зист ба амалоянда ва муайян намудани хусусиятҳои ҳавошиноси, иқлими, аэрологи, обшиноси, яхшиноси гелиогеофизикию ҳавошиносии кишоварзии пешбинишуда, инчунин барои муайян кардани дараҷаи ифлосшавии ҳавои атмосфера, хок ва иншооти оби;

- шабакаи давлатии мушоҳидави - шабакаи мушоҳидавии мақомоти махсуси ваколатдоркардашуда дар соҳаи обуҳавошиноси ва соҳаҳои ба он наздик;

- иттилоот дар бораи вазъи муҳити зист - маълумоте, ки дар натиҷаи мониторинги муҳити зист ба даст оварда мешавад;

- иттилооти таъҷили - иттилооти таъҷилан интиқол додашаванда оид ба ҳодисаҳои хатарноки табии, тағйироти ногаҳонии амали ва пешбинишавандаи обу ҳаво ва ифлосшавии муҳити зист, ки ба ҳаёту саломатии аҳоли ва муҳити зист зарар расонда метавонанд;

- маводи иттилоотӣ - иттилооти ҷамъбастшудаи дар натиҷаи таҳлили маълумот бадастовардашуда, ки барои паҳнкунӣ ва истифода пешбинӣ шудааст *(Қонуни ҶТ аз 23.07.2016 № 1345)*;

- иттилооти таъиноти умумӣ - иттилооти дастраси коркардшуда оид ба вазъи воқеӣ ва пешгуишавандаи муҳити зист ва сатҳи олудашавии он *(Қонуни ҶТ аз 23.07.2016 № 1345)*;

- иттилооти махсус - иттилоот дар бораи обуҳавошиносӣ, ки дар асоси шартнома пешниҳод мешавад ва барои омодасозии он гузаронидани корҳои иловагӣ, аз ҷумла ҷамъоварӣ, коркард ва таҳлили иттилооти мазкур, зарур аст *(Қонуни ҶТ аз 23.07.2016 № 1345)*;

- таъсиррасонии фаъолона - таъсиррасони ба равандҳои ҳавошиноси ва дигар равандҳои геофизики бо мақсади ба танзим даровардани онҳо ва кам кардани зарари эҳтимоли аз ин равандҳо ба аҳоли ва иқтисодиёт;

- ташкилотҳои махсусгардондашудаи таъсиррасонии фаъолона ба равандаҳои ҳавошиноси - шахсони ҳуқуқие, ки растаниҳои кишоварзиро аз жола ҳимоя карда, боришот, парокандашавии туман ва тармафароиро ба танзим медароранд;

- стансияҳои дурдаст - стансияҳое, ки аз маҳалҳои аҳолинишини шаҳру деҳот дар масофаи дур ва шароити мураккаби физикию ҷуғрофи воқеъ гардида, бо онҳо алоқаи мунтазами нақлиёти вуҷуд надорад.

### Моддаи 2. Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи фаъолияти обуҳавошиноси

Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи фаъолияти обуҳавошиноси ба Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон асос ёфта, аз Қонуни мазкур, дигар қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки аз тарафи Тоҷикистон эътироф шудаанд, иборат мебошад.

## БОБИ II. ТАНЗИМ ВА ИДОРАИ ДАВЛАТИИ ФАЪОЛИЯТИ ОБУҲАВОШИНОСӢ

### Моддаи 3. Самтҳои асосии танзим ва идораи давлатии фаъолияти обуҳавошиноси

Самтҳои асосии танзими давлатии фаъолияти обуҳавошиноси аз инҳо иборатанд:

- ташаккул додан ва таъмин намудани кори шабакаи давлатии мушоҳидави;
- таъмин намудани мақомоти ҳокимияти давлати, Қувваҳои мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин аҳоли бо иттилоот дар бораи вазъи воқеи ва пешбинишавандаи муҳити зист, аз ҷумла ахбори таъҷили;
- муайян кардани талабот ба маводи иттилооти;
- муайян кардани номгӯи корҳои дорои аҳамияти ҷумҳурияви дар соҳаи обуҳавошиноси, ташкил ва таъмини иҷрои онҳо;
- ташаккул додани захираҳои иттилооти давлати дар соҳаи обуҳавошиноси, таъсис додан ва ба роҳ мондани кори фонди ягонаи давлатии маълумот дар бораи муҳити табиии зист;
- ташкил ва гузаронидани корҳо оид ба таъсиррасонии фаъолона ба равандҳои ҳавошиноси ва дигар равандҳои геофизики, инчунин назорати давлати ба гузаронидани ин корҳо дар тамоми қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- таъмин намудани муҳофизати шабакаи мушоҳидавии давлати;
- иштирок дар ҳамкории байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи обуҳавошиноси;
- додани иҷозатномаи (литсензия) фаъолият дар соҳаи обуҳавошиноси мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон.

### Моддаи 4. Идораи давлатии фаъолияти обуҳавошиноси

Идораи давлатии фаъолияти обуҳавошиносиро мақомоти ваколатдори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон амали мегардонад.

### Моддаи 5. Салоҳияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба фаъолияти обуҳавошиноси

Салоҳияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба фаъолияти обуҳавошиноси аз инҳо иборатанд:

- таъмини гузаронидани сиёсати ягонаи давлати;
- қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқи, ки шарту тартиби амали гардонидани фаъолияти обуҳавошиносиро муайян менамоянд;
- ба амал баровардани сиёсати тарифи ва кредитию молияви;
- тасдиқи сохтори мақомоти ваколатдоршудаи идораи давлати оид ба фаъолияти обуҳавошиноси;
- муайян кардани тартибу шартҳои гузаронидани мониторинги муҳити зист;
- ҳифз ва муайян кардани меъерҳои бехатари ҳангоми таҳқиқи ҳолати муҳити зист, инчунин дар раванди иҷрои он дар шароити махсус;
- муқаррар намудани тартиби ҷуброни зарар (зарари воқеи, фоидаи аздастдода) ва зарари расида дар раванди фаъолияти обуҳавошиноси;

Сархати ҳаштуми моддаи 5 хориҷ карда шуд *(Қонуни ҶТ аз 3.03.2006 № 177)*.

- ташкили ҳамкории байналмилали дар фаъолияти обуҳавошиноси ва иштирок дар шабакаи байналмилалии обуҳавошиноси;
- ҳалли дигар масъалаҳои фаъолияти обуҳавошиноси мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон.

### Моддаи 6.Ваколати мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар маҳалҳо оид ба фаъолияти обуҳавошиноси

*(Қонуни ҶТ аз 26.07.2014 № 1121, аз 23.07.2016 № 1345)*

Ваколати мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ оид ба фаъолияти обуҳавошиноси аз инҳо иборатанд *(Қонуни ҶТ аз 26.07.2014 № 1121, аз 23.07.2016 № 1345)*:

- тасдиқи самтҳои барномаҳои маҳаллии соҳаи фаъолияти обуҳавошиноси;
- тасдиқи сметаи маблағгузори ба барномаҳои маҳалли, аз ҷумла ба фаъолияти истеҳсолию хоҷаги ва инкишофи инфрасохтори иҷтимои, ки барои иҷрои ин барномаҳои

мақомоти ҳудудии мақоми махсуси ваколатдори давлатӣ дар соҳаи фаъолияти обуҳавошиноси ҷалб карда шуданд;

- назорат ба фаъолияти шахсони ҳуқуқи ва воқеи, ки ба фаъолияти обуҳавошиноси дар ҳудуди тобеи онҳо машғуланд;

- бо тартиби муқаррари додани қитъаҳои замин ва объектҳои он барои ташкили шабакаҳои мушоҳидакунии (нуқтаҳои алоҳидаи статсионарии мушоҳидакуни) ҳолати муҳити зист;

- ҳалли дигар масъалаҳо мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон.

### Моддаи 7. Ваколати мақомоти махсуси ваколатдори давлати оид ба фаъолияти обуҳавошиноси

*(Қонуни ҶТ аз 23.07.2016 № 1345)*

Ваколати мақомоти махсуси ваколатдори давлати оид ба фаъолияти обуҳавошиноси аз инҳо иборатанд *(Қонуни ҶТ аз 23.07.2016 № 1345)*:

- гузаронидани сиёсати ягонаи давлати, таҳия ва ба амал татбиқ намудани барномаҳои давлати, кору чорабиниҳо оид ба фаъолияти обуҳавошиноси;

- тайёр намудани лоиҳаи санадҳои меъерию ҳуқуқи, таҳия ва қабули методикаи муайян намудани тартиби мушоҳидаи ҳолати муҳити зист;

- ба роҳ мондани фаъолият ва инкишофи соҳаи обуҳавошиносии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- мутобиқ сохтани фаъолияти субъектҳои соҳаи обуҳавошиноси, ки ба мақомоти давлатии обуҳавошиносии Ҷумҳурии Тоҷикистон дохил намешаванд *(Қонуни ҶТ аз 3.03.2006 № 177)*;

- ҳамохангсазии пешбурд ва ҳалли масъалаҳои марбут ба тағйирёбии иқлим *(Қонуни ҶТ аз 23.07.2016 № 1345)*;

- ташкил ва таъмини системаи давлатии мушоҳидави, ҷамъовари, коркард, таҳлил, махфуздори, пешниҳод ва ба амал баровардани маълумотҳо дар бораи ҳолати муҳити табиии зист;

- таъмини истифодабарандагон бо маълумоти воқеи ва пешгӯи дар бораи ҳолати муҳити табиии зист, аз ҷумла маълумоти таъҷили дар ин хусус;

Сархати ҳафтум хориҷ карда шуд *(Қонуни ҶТ аз 3.03.2006 № 177)*.

- додани пешгӯиҳои расми, дигар маводи иттилооти оид ба арзёбии ҳолати муҳити зист;

- ташкил ва гузаронидани таҳқиқоти илми оид ба баҳодиҳи ва пешгӯии ҳолати муҳити зист;

- ҳалли дигар масъалаҳо мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон.

## БОБИ III. ФАЪОЛИЯТИ ОБУҲАВОШИНОСӢ. ОБЪЕКТҲО ВА СУБЪЕКТҲОИ ФАЪОЛИЯТИ ОБУҲАВОШИНОСӢ

### Моддаи 8. Принсипҳои фаъолияти обуҳавошиноси

Фаъолияти обуҳавошиноси бо риоя намудани принсипҳои зерин ба амал бароварда мешаванд:

- мушоҳидаи ҳаматарафа ва бефосила ба вазъи муҳити зист;

- ягонаги ва муқоисашавандагии усулҳои мушоҳидакуни ба вазъи муҳити зист, инчунин усулҳои ҷамъкуни, коркард, нигоҳдори ва пахн намудани иттилооте, ки дар натиҷаи мушоҳидакуни ба даст оварда шудааст;

- бехатарии гузаронидани корҳо оиди таъсири фаъолона ба равандҳои ҳавошиноси ва дигар равандҳо;

- якҷоя кардани тартиби дохилидавлати байналмилалии мониторинги муҳити зист;

- самаранокии истифодаии иттиллот дар бораи вазъи воқеи ва пешнбинишавандаи муҳити зист;

- мутобиқи фаъолияти мақомоти обуҳавошиноси бо вазифаҳои ҳифзи саломатии аҳоли, ҳифзи муҳити зист ва таъмини амнияти экологи;

- пурра, дуруст ва сари вақт дастрас будани иттилоот дар бораи ҳолати воқеию пешбинишавандаи муҳити зист ва самарабахш истифода бурдани он.

### Моддаи 9. Объектҳои фаъолияти обуҳавошиноси

Ба объектҳои фаъолияти обуҳавошиноси иқлим, шароити ҳавошиноси ва обшиноси, тағйири муҳити зист дар натиҷаи таъсири омилҳои табии ва антропогени, дохил мешаванд.

### Моддаи 10. Субъектҳои фаъолияти обуҳавошиноси

Субъектҳои фаъолияти обуҳавошиноси инҳо мебошанд:

- мақомоти махсуси ваколатдори давлати дар соҳаи обуҳавошиноси ва ташкилотҳои минтақавии он;

- ташкилотҳои шабакаи мушоҳидакуни;

- дигар шахсони ҳуқуқи ва воқеие, ки фаъолияти обуҳавошиносиро дар асоси иҷозатнома (литсензия) ба амал мебароранд.

### Моддаи 10(1). Ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои кормандони мақомоти обуҳавошиносӣ

*(Қонуни ҶТ аз 26.12.2011 № 786)*

Кормандони мақомоти обуҳавошиносӣ ҳуқуқҳои зерин доранд:

- пӯшидани либоси махсус ва доштани нишони фарққунанда;

- гирифта гаштан, нигоҳ доштан ва истифодаи силоҳи ғайринизомии намуди худмуҳофизатӣ ҳангоми иҷрои вазифаҳои хизматӣ *(Қонуни ҶТ аз 23.07.2016 № 1345)*;

- ҳуқуқҳои дигаре, ки санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ муқаррар кардаанд.

Кормандони мақомоти обуҳавошиносӣ ӯҳдадориҳои зерин доранд:

- риоя намудани интизоми хизматӣ;

- таъмини ҳифзи моликияти давлатӣ;

- баланд бардоштани сатҳи касбӣ ва тахассусӣ;

- ӯҳдадориҳои дигаре, ки санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ муайян кардаанд *(Қонуни ҶТ аз 26.12.2011 № 786)*.

## БОБИ IV. АСОСҲО ВА ТАРТИБИ АНҶОМ ДОДАНИ ФАЪОЛИЯТИ ОБУҲАВОШИНОСӢ

### Моддаи 11. Иҷозатномадиҳии фаъолияти обуҳавошиноси

Иҷозатномадиҳии фаъолият дар соҳаи обуҳавошиносӣ ва соҳаҳои ба он алоқаманд, аз ҷумла иҷрои корҳои фаъолона таъсир расонидан ба ҳодисоту равандҳои обуҳавошиносӣ ва геофизикӣ, тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ" амали карда мешавад *(Қонуни ҶТ аз 3.03.2006 № 177, аз 13.06.2007 № 285, 13.11.2024, №2098)*.

### Моддаи 12. Намудҳои мушоҳидаи вазъи муҳити зист

Мушоҳидаи вазъи муҳити зист ба навъҳои зерин тақсим мешавад:

- ҳавошиносии назди замини;
- обшиноси;
- яхшиноси;
- ҳавошиносии кишоварзи;
- актинометри ва тавозуни гарми;
- аэрологи;
- ҳавошиносии радиолокатсиони;
- озонсанҷи;
- дараҷаи ифлосшавии атмосфера, обҳо, хок, замин, қабати барф, олами наботот.

Мушоҳида ба вазъи муҳити зист нисбати дигар ҷузъиёти муҳити зист, инчунин дар шароити махсус ва ба мақсадҳои мудофиа низ сурат гирифта метавонад.

### Моддаи 13. Фаъолияти мақомоти обуҳавошиносии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи ҳавошиноси

Фаъолияти мақомоти обуҳавошиноси дар соҳаи ҳавошиноси ба муайян кардани вазъият ва инкишофи ҳодисаҳои ҳавошиноси, равандҳои техногени, физики, кимиёви ва дигар равандҳо дар атмосфера ҳангоми таъсири мутақобила бо дигар объектҳои муҳити зист нигаронида шудааст.

Бо мақсади ба даст овардани маълумотҳои ҳавошиноси дар баландиҳои дараҷаи стандарти ва махсуси атмосфера мушоҳидаи аэрологи гузаронида мешавад.

Барои омӯхтани таъсири шароитҳои ҳавошиноси ба инкишофи зироатҳои кишоварзи ва парвариши ҳосил назорати ҳавошиносии кишоварзи анҷом дода мешавад.

Вазифаҳои асосии фаъолияти обуҳавошиноси дар соҳаи ҳавошиноси аз инҳо иборатанд:

- таъмин намудани ташкилотҳои пешгӯи бо маълумотҳои зарури барои тартиб додани пешгӯии ҳамаи талаботи обуҳавошиноси ва огоҳ намудан аз шароитҳои номусоиди дарназардошта;

- огоҳ кардани мақомоти давлати, шахсони ҳуқуқи ва воқеи аз ҳодисаҳои хавфнок ва табиии атмосфера ё равандҳои иқлими, дигар тағйиротҳои ҳавошиносии муҳити зист;

- ҷамъбасти маълумотҳои боэътимод дар бораи низоми ҳавошиноси ва радиатсиони дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон.

### Моддаи 14. Фаъолияти мақомоти обуҳавошиноси дар соҳаи обшиноси

Фаъолияти мақомоти обуҳавошиноси дар соҳаи обшиноси ба мақсади ҷамъоварии маълумот дар бораи ҳолати дарёҳо, кӯлҳо, обанборҳо, каналҳо, дигар объектҳои об ва

умуман дар бораи захираи обу рӯи замини, ки ба мақсадҳои зерин зарур аст, анҷом дода мешавад:

- қонеъ гардонидани талаботи аҳоли ва хоҷагии халқ, ба маълумотҳои оид ба тағйиребии низомҳои обшиносии объектҳои об ва ҳодисаҳои хавфноки обшиноси;

- омӯхтани қонуниятҳои фазоию муваққатии низоми обшиноси, бурдани ҳисоботи давлатии обҳо, кадастри об, ҳисоби захираҳои об ва тавозуни оби ҳавзаҳо ва ҳудудҳои оби, баҳодиҳи ба таъсири фаъолияти хоҷаги ба низоми объектҳои об ва захираҳои об.

## Моддаи 15. Мушоҳида ва назорати мақомоти обуҳавошиноси ба сатҳи ифлосшавии муҳити зист

Мақомоти обуҳавошиноси ба сатҳи ифлосшавии атмосфера, обҳои рӯизамини, хок, замин, олами наботот ва қабатҳои барф бо мақсади муайян намудани сарбории антропогении ин объектҳои муҳити зист аз ҳисоби партовҳои моддаҳои ифлоскунанда ва аз сарҳад воридшавии онҳо назорат ва мушоҳида мекунад, инчунин ба ифлосшавии радиоактивии атмосфера, об, хок, замин ва тахшинҳои зери замин мушоҳида ва назорат мебарад.

Номгӯи моддаҳои ифлоскунандаро, ки онҳо мавриди мушоҳида ва назорат қарор мегиранд, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян менамояд.

## Моддаи 16. Фаъолияти обуҳавошиноси дар шароити махсус

Фаъолияти обуҳавошиноси дар шароити махсус (офатҳои табиии, фалокатҳо, садамаҳо ва дигар вазъиятҳои фавқулодда, бартараф додани оқибатҳои онҳо) қисми таркибии амали системаи давлатии пешгири ва бартарафсозии оқибатҳои вазъияти фавқулоддаи табиии ва техногени мебошад.

Ҳангоми офатҳои табиии, фалокатҳо ё садамаҳо, ки боиси ифлосшавии муҳити зист гардидаанд ё боиси он шуда метавонанд, мушоҳидаҳои иловаги ба тағйироти муҳити зист гузаронида мешавад.

## Моддаи 17. Мониторинги ҳолати муҳити зист

*(Қонуни ҶТ аз 23.07.2016 № 1345)*

Амалӣ намудани мушоҳидаҳо ва фаъолияти дигари пешбининамудаи моддаҳои 12-16 Қонуни мазкур аз ҷониби мақомоти обуҳавошиносӣ асоси мониторинги ҳолати муҳити зист ба ҳисоб меравад *(Қонуни ҶТ аз 23.07.2016 № 1345)*.

## Моддаи 18. Нуқтаҳои шабакаҳои мушоҳидакуни ва ҳифзи онҳо

Воҳиди ибтидоии истеҳсолии системаи миллии обуҳавошиноси ва шабакаи байналмилалии обуҳавошиноси, ки дар бораи ҳолати муҳити зист бевосита маълумот гирифта, онро кор карда, ба марказҳои обуҳавошиноси пешниҳод менамояд, нуқтаи шабакаи мушоҳидакуни мебошад.

Вайрон кардан ё ба ҷои дигар кӯчонидани нуқтаҳои шабакаҳои мушоҳидакуни, инчунин кушодани объектҳои нав ё бастани объектҳои амалкунанда, ки ба шабакаи давлатии мушоҳидакуни дохил мешаванд, танҳо бо иҷозати мақомоти махсуси ваколатдори давлати дар соҳаи фаъолияти обуҳавошиноси бо мувофиқаи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ сурат мегирад *(Қонуни ҶТ аз 26.07.2014 № 1121)*.

Бо мақсади ба даст овардани маълумоти боэътимод дар бораи гузариши равандҳои табиии дар ҷойҳои гузаронидани мушоҳидаи ҳолати муҳити зист дар атрофи нуқтаҳои шабакаҳои мушоҳидакуни, минтақаҳои муҳофизати ҷори намуда, дар онҳо фаъолияти хоҷаги ва дигар фаъолият маҳдуд карда мешавад.

Тартиби муқаррар кардани минтақаҳои муҳофизати ва номгӯи маҳдудиятҳои фаъолияти хоҷаги ва дигар фаъолиятро дар онҳо Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян менамояд.

Барои ҷойгиркунии шабакаҳои мушоҳидакуни ҷудо кардани қитъаҳои замин ва акваторияи оби мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон сурат мегирад.

Соҳибони заминҳо, заминистифодабарандагон ва дигар истифодабарандагони табиат, ки дар қитъаҳои замини онҳо нуқтаҳои шабакаҳои мушоҳидакуни ҷойгир шудаанд, ӯҳдадоранд барои ба ин нуқтаҳо омада анҷом додани корҳои мушоҳидави, интихоби намунаҳо, таъмиру барқарорсози ва дигар корҳо имконият фароҳам оваранд.

## Моддаи 19. Маблағгузори ба фаъолияти обуҳавошиноси

Таъминоти молиявии фаъолияти давлатии обуҳавошиноси аз ҳисоби маблағҳои зерин сурат мегирад:

- буҷети давлати;
- маблағҳои махсуси ҳифзи муҳити зист *(Қонуни ҶТ аз 23.07.2016 № 1345)*;
- манбаҳои дигари манънакардаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Фаъолияти обуҳавошиноси мумкин аст дар асоси шартнома аз рӯи фармоишҳои шахсони ҳуқуқи ва воқеъи бидуни расондани зарар ба иҷрои ҳаҷми корҳое, ки аз ҳисоби буҷет маблағгузори мегардад, низ иҷро карда шавад.

Корҳо дар соҳаи обуҳавошиноси ҳангоми барҳам додани оқибатҳои вазъияти фавкулода аз ҳисоби буҷети давлати ва дигар манбаҳои манънакардаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон маблағгузори карда мешаванд.

## БОБИ V. ИТТИЛООТ ДАР БОРАИ ВАЗЪИ МУҲИТИ ЗИСТ

### Моддаи 20. Категорияҳои дастрасшавии иттилоот дар бораи вазъи муҳити зист ва маводи иттилооти

Иттилоот дар бораи вазъи муҳити зист ва маводи иттилооти ошкоро ва ба ҳама дастрас мебошад, ба истиснои иттилоот, ки мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба категорияи дастрасшавии маҳдуд мансуб дониста шудааст.

Иттилооти таъиноти умуми ба гурӯҳи захираҳои ҷумҳуриявии иттилоот дар соҳаи обуҳавошиноси мансуб дониста мешавад.

### Моддаи 21. Фонди ягонаи давлатии маълумот дар бораи вазъи муҳити зист

Фонди ягонаи давлатии маълумот дар бораи вазъи муҳити зист, дар асоси ҷамъкуни, коркард, баҳисобгири, нигоҳдори ва паҳн намудани иттилооти барасмиятдаровардашуда дар бораи вазъи муҳити зист ташаккул меёбад.

Таркиб ва сохтори маълумоти барасмиятдаровардашуда дар бораи вазъи муҳити зист, инчунин тартиби ташаккул додан ва ихтиёрдори кардани фонди ягонаи давлатии маълумотро да бораи вазъи муҳити зист Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян мекунад.

### Моддаи 22. Тартиби пешниҳод кардани иттилоот дар бораи вазъи муҳити зист аз тарафи шахсони ҳуқуқи ва воқеи

Пешниҳод кардани иттилоот дар бораи вазъи муҳити зист, аз тарафи шахсони ҳуқуқи ва воқеи ба мақомоти махсуси ваколатдори давлати дар соҳаи обуҳавошиноси бо тартиби муқаррарнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон амали гардонида мешавад.

### Моддаи 23. Шартҳои ба истифодабарандагон (истеъмолкунандагон) пешниҳод намудани иттилоот ва маводи иттилооти дар бораи вазъи муҳити зист

Иттилоот ва маводи иттилооти дар бораи вазъи муҳити зист ба истифодабарандагон бепул, инчунин дар асоси шартномаҳо мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда мешавад.

Иттилооти таъиноти умуми ба истифодабарандагон дар шакли матнҳо ба тарзи хатти, таблитсаҳо ва ҷадвалҳо ба воситаи алоқаи почта, тавассути воситаҳои ахбори умум ва алоқаи электрони мувофиқи тартиби иттилооти доими ё аз рӯи дархости истифодабарандагон расонида мешавад.

Иттилооти махсус дар бораи вазъи муҳити зист ба истифодабарандагон дар асоси шартнома расонида мешавад.

Мақомоти махсус ваколатдори давлати дар соҳаи обуҳавошиноси вазифадораст, ки ба истифодабарандагон ба таркиби иттилооти пешниҳодшуда оид ба вазъи муҳити зист, дар бораи шаклҳои расонидани ин иттилоот ба ташкилотҳое, ки ба истифодабарандагон хизмати ахбороти мерасонанд, маълумот диҳад.

Тартиби пешниҳод намудани иттилоот дар бораи вазъи муҳити зист аз тарафи шахсони ҳуқуқи ва воқеи давлатҳои хориҷи бо шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрию ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда мешаванд.

## Боби 5(1) Ҳамкории байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи обуҳавошиносӣ

*(Қонуни ҶТ аз 23.07.2016 № 1345)*

### Моддаи 23(1). Ҳамкории байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи обуҳавошиносӣ

*(Қонуни ҶТ аз 23.07.2016 № 1345)*

Ҳамкории байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи обуҳавошиносӣ дар асоси шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда мешавад. Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ташаккул ва рушди шабакаҳои байналмилалии мушоҳидавӣ ва мубодилаи иттилооти байналмилалӣ дар бораи муҳити зист ва сатҳи олудашавии он мусоидат менамояд.

Мақомоти махсуси ваколатдори давлатӣ оид ба фаъолияти обуҳавошиносӣ ҳифзи манфиатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва танзими фаъолияти шахсони ҳуқуқиро, новобаста ба шакли ташкилию ҳуқуқӣ ва шахсони воқеиро ҳангоми амалисозии ҳамкориҳои байналмилалӣ дар соҳаи обуҳавошиносӣ, таъмин месозад.

Тартиби иштироки мақомоти махсуси ваколатдори давлатӣ оид ба фаъолияти обуҳавошиносӣ дар ҳамкории байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла дар мубодилаи иттилоот оид ба вазъи муҳити зист, дар асоси шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни казкур ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешавад *(Қонуни ҶТ аз 23.07.2016 № 1345)*.

## БОБИ VI. МУҚАРРАРОТИ ХОТИМАВӢ

### Моддаи 24. Назорати давлати ба амали гаштани фаъолияти обуҳавошиноси

Вазифаи назорати давлати ба амали гаштани фаъолияти обуҳавошиноси аз ҷониби ҳамаи иштирокдорони он новобаста ба шаклҳои моликият ва тобеъият иҷро намудани талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи фаъолияти обуҳавошиноси мебошад.

Ба амали гаштани фаъолияти обуҳавошиноси мақомоти махсуси ваколатдори давлати дар соҳаи фаъолияти обуҳавошиноси ва мақомоти ҳудудии он бо тартиби муқарраркардаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон назорати давлати мебаранд.

### Моддаи 25. Ҳалли баҳсҳо байни иштирокдорони фаъолияти обуҳавошиноси

Баҳсҳои байни истеҳсолкунандагон ва истифодабарандагони маълумот дар бораи ҳолати муҳити зист бо тартиби суди барраси мешаванд.

### Моддаи 26. Ҷавобгари барои ваёрон кардани Қонуни мазкур

Шахсони ҳуқуқи ва воқеи, ки талаботи Қонуни мазкурро вайрон мекунанд, тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгари кашида мешаванд.

### Моддаи 27. Тартиби мавриди амал қарор додани Қонуни мазкур

Қонуни мазкур пас аз интишори расмиаш мавриди амал қарор дода шавад.

Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон Э. Раҳмонов
аз 2 декабри соли 2002 № 86
ш. Душанбе

# ЗАКОН
# РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

## О ГИДРОМЕТЕОРОЛОГИЧЕСКОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ

(Ахбори Маджлиси Оли Республики Таджикистан, 2002 г., №11, ст. 741; 2006 г., №3, ст. 167;
2007 г., №7, ст. 441; 2011 г., №12, ст. 850; 2014 г., №7, ч. 2, ст. 418;
Закон РТ от 23.07.2016 г., №1345)

Настоящий Закон устанавливает правовые основы деятельности в области гидрометеорологии и направлен на обеспечение потребностей государства, физических и юридических лиц в гидрометеорологической информации, а также в информации о состоянии окружающей природной среды.

## ГЛАВА 1.
## ОБЩИЕ ПОЛОЖЕНИЯ

### Статья 1. Основные понятия

В настоящем Законе используются следующие основные понятия:

– ***гидрометеорологическая деятельность*** - процессы производства наблюдений за состоянием окружающей природной среды, сбора, обработки, анализа, хранения, предоставления, реализации информации и прогнозирования изменения состояния окружающей природной среды, а также работы по активному воздействию на гидрометеорологические и другие геофизические процессы **(ЗРТ от 23.07.16 г., №1345)**;

– ***мониторинг окружающей природной среды*** - долгосрочные наблюдения за состоянием окружающей природной среды, происходящими в ней природными явлениями, а также оценка и прогноз состояния окружающей природной среды **(ЗРТ от 23.07.16 г., №1345)**;

– ***стационарный пункт наблюдений за состоянием окружающей природной среды (далее стационарный пункт наблюдений)*** - комплекс, включающий в себя участок или часть акватории с установленными на них приборами и оборудованием, предназначенными для определения характеристик окружающей природной среды **(ЗРТ от 23.07.16 г., №1345)**;

– ***передвижной пункт наблюдений за состоянием окружающей природной среды (далее - подвижной пункт наблюдений).*** Комплекс, включающий в себя платформу (летательный аппарат и другие средства передвижения) с установленными на них приборами и оборудованием, предназначенными для определения характеристик окружающей природной среды **(ЗРТ от 23.07.16 г., №1345)**;

– ***наблюдательная сеть*** - свод стационарных и подвижных пунктов наблюдений, в том числе постов, станций, лабораторий, центров, бюро, обсерваторий, предназначенных для наблюдений за физическими и химическими процессами, происходящими в окружающей природной среде, определения ее метеорологических, климатических, аэрологических, гидрологических, гляциологических, гелиогеофизических, агрометеорологических характеристик, а также для определения уровня загрязнения атмосферного воздуха, почв и водных объектов **(ЗРТ от 23.07.16 г., №1345)**;

– ***государственная наблюдательная сеть*** - наблюдательная сеть уполномоченного государственного органа в области гидрометеорологии и смежных с ней областях **(ЗРТ от 23.07.16 г., №1345)**;

– ***информация о состоянии окружающей природной среды***- сведения (данные), полученные в результате мониторинга окружающей природной среды **(ЗРТ от 23.07.16 г., №1345)**;

– ***экстренная информация*** - незамедлительно передаваемая информация об опасных природных явлениях, о фактических прогнозируемых резких изменениях и загрязнении окружающей природной среды, которые могут угрожать жизни и здоровью населения и наносить ущерб окружающей среде **(ЗРТ от 23.07.16 г., №1345)**;

- *информационная продукция - полученная в результате анализа сведений (данных) обобщенная информация, предназначенная для распространения или использования* **(ЗРТ от 23.07.16 г., №1345);**

- *информация общего назначения - доступная обработанная информация о фактическом и прогнозируемом состоянии окружающей среды, степени ее загрязнения* **(ЗРТ от 23.07.16 г., №1345);**

- *специализированная информация - гидрометеорологическая информация, предоставляемая на основании договора и для предоставления которой требуется проведение дополнительных работ, включая сбор, обработку и анализ данной информации* **(ЗРТ от 23.07.16 г., №1345);**

– ***активное воздействие*** - воздействие на метеорологические и другие геофизические процессы в целях их регулирования и уменьшения возможного вреда от данных процессов населению и экономике **(ЗРТ от 23.07.16 г., №1345)**;

– ***специализированные организации активного воздействия на метеорологические процессы*** -юридические лица, осуществляющие защиту сельскохозяйственных растений от града, регулирование осадков, рассеивание туманов и спуск снежных лавин **(ЗРТ от 23.07.16 г., №1345)**;

– ***труднодоступные станции*** - станции, которые расположены на значительном расстоянии от городских и сельских поселений в сложных физико-географических условиях и с которыми нет регулярного транспортного сообщения **(ЗРТ от 23.07.16 г., №1345)**.

### Статья 2. Законодательство Республики Таджикистан о гидрометеорологической деятельности

Законодательство Республики Таджикистан о гидрометеорологической деятельности основывается на Конституции Республики Таджикистан, состоит из настоящего Закона, других законов Республики Таджикистан и международных правовых актов, признанных Республикой Таджикистан.

## ГЛАВА II. ГОСУДАРСТВЕННОЕ РЕГУЛИРОВАНИЕ И УПРАВЛЕНИЕ В ОБЛАСТИ ГИДРОМЕТЕОРОЛОГИЧЕСКОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ

### Статья 3. Основные направления государственного регулирования и управления в области гидрометеорологической деятельности

Основными направлениями государственного регулирования в области гидрометеорологической деятельности являются:

-формирование и обеспечение функционирования государственной наблюдательной сети;

-обеспечение органов государственной власти, Вооруженных Сил Республики Таджикистан, а также населения информацией о фактическом и прогнозируемом состоянии окружающей природной среды, в том числе экстренной информацией;

-определение требований к информационной продукции;

-определение перечня работ республиканского значения в области гидрометеорологии, организация и обеспечение их выполнения;

-формирование государственных информационных ресурсов в области гидрометеорологии, создание и ведение единого государственного фонда данных окружающей природной среды;

-организация и проведение работ по активному воздействию на метеорологические и другие геофизические процессы, а также государственный надзор за проведением этих работ на всей территории Республики Таджикистан;

-обеспечение охраны государственной наблюдательной сети;

-участие в международном сотрудничестве Республики Таджикистан в области гидрометеорологии;

-осуществление лицензирования деятельности в области гидрометеорологии в соответствии с законодательством Республики Таджикистан.

## Статья 4. Государственное управление гидрометеорологической деятельностью

Государственное управление гидрометеорологической деятельностью осуществляет уполномоченный орган Правительства Республики Таджикистан.

## Статья 5. Компетенция Правительства Республики Таджикистан в области гидрометеорологической деятельности

К компетенции Правительства Республики Таджикистан в области гидрометеорологической деятельности относятся:

-обеспечение проведения единой государственной политики;

-принятие нормативных правовых актов, определяющих условия и порядок осуществления гидрометеорологической деятельности;

-осуществление тарифной и кредитно-финансовой политики;

- утверждение структуры республиканского органа государственного управления в области гидрометеорологической деятельности;

- определение порядка и условий ведения мониторинга окружающей природной среды;

-охрана и определение норм безопасности при производстве наблюдений за состоянием окружающей природной среды, а также в процессе их осуществления в особых условиях;

-установление порядка возмещения убытков (реального ущерба, упущенной выгоды) и вреда, причиненных в процессе гидрометеорологической деятельности;

**–** (Абз. иск. ЗРТ от 3.03.06 г., № 177)

-организация международного сотрудничества в области гидрометеорологической деятельности и участие в развитии международной гидрометеорологической сети;

-решение других вопросов в области гидрометеорологической деятельности в соответствии с законодательством Республики Таджикистан.

## Статья 6. *Полномочия местных исполнительных органов государственной власти* в области гидрометеорологической деятельности

(ЗРТ от 26.07.14 г., №1121; ЗРТ от 23.07.16 г., №1345)

***В полномочия*** *местных исполнительных органов государственной власти* в области гидрометеорологической деятельности ***входит***: **(ЗРТ от 26.07.14 г., №1121)**

-утверждение направлений местных программ в области гидрометеорологической деятельности;

-утверждение сметы финансирования местных программ, в том числе на производственно-хозяйственную деятельность и развитие социальной инфраструктуры, привлеченных к выполнению данных программ территориальных органов республиканского органа государственного управления в области гидрометеорологической деятельности;

-осуществление контроля за деятельностью физических и юридических лиц, занимающихся гидрометеорологической деятельностью на подведомственных им территориях;

-предоставление в установленном порядке земельных участков и водных объектов для организации сети наблюдений (отдельных стационарных пунктов наблюдений) за состоянием окружающей природной среды;

-решение других вопросов в соответствии с законодательством Республики Таджикистан.

## Статья 7. *Полномочия* уполномоченного государственного органа в области гидрометеорологической деятельности

**(ЗРТ от 23.07.16 г., №1345)**

***В полномочия*** уполномоченного государственного органа в области гидрометеорологической деятельности ***входит*** **(ЗРТ от 23.07.16 г., №1345)**:

-проведение единой государственной политики, разработка и реализация государственных программ, работ и мероприятий в области гидрометеорологической деятельности;

-подготовка проектов нормативных правовых актов, разработка и принятие методик,

определяющих порядок проведения наблюдений за состоянием окружающей природной среды;

-организация формирования, функционирования и развития государственной гидрометеорологической службы Республики Таджикистан;

-координация деятельности субъектов гидрометеорологической отрасли, не входящих в государственную гидрометеорологическую службу Республики Таджикистан; **(ЗРТ от 3.03.06 г., № 177)**

***- координировать ведение и решение вопросов, связанных с изменением климата*** **(ЗРТ от 23.07.16 г., №1345)**;

-обеспечение потребителей фактической и прогнозной информацией о состоянии окружающей природной среды, включая экстренную информацию о состоянии окружающей природной среды;

-выдача лицензий на право осуществления гидрометеорологической деятельности субъектам хозяйствования, не входящим в структуру государственной гидрометеорологической службы Республики Таджикистан в порядке, определяемом законодательством Республики Таджикистан;

-выдача официальных прогнозов, другой информационной продукции по оценке состояния окружающей природной среды;

-организация и проведение научных исследований по оценке и прогнозированию состояния окружающей природной среды;

-решение других вопросов в соответствии с законодательством Республики Таджикистан;

## ГЛАВА III.
## ГИДРОМЕТЕОРОЛОГИЧЕСКАЯ ДЕЯТЕЛЬНОСТЬ, ОБЪЕКТЫ И СУБЪЕКТЫ ГИДРОМЕТЕОРОЛОГИЧЕСКОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ.

### Статья 8. Принципы гидрометеорологической деятельности

Гидрометеорологическая деятельность должна осуществляться при соблюдении следующих принципов;

-глобальность и непрерывность наблюдений за состоянием окружающей природной среды;

-единство и сопоставимость методов наблюдений за состоянием окружающей природной среды, а также методов сбора, обработки, хранения и распространения полученной в результате наблюдений информации;

-безопасность проведения работ по активному воздействию на метеорологические и другие процессы;

-интеграция с внутригосударственными и международными системами мониторинга окружающей природной среды;

-эффективность использования информации о фактическом и прогнозируемом состоянии окружающей природной среды;

-соответствие деятельности гидрометеорологической службы задачам охраны здоровья населения, защиты окружающей природной среды и обеспечения экологической безопасности;

-полноты, доступности, достоверности, своевременности и эффективности использования информации о фактическом и прогнозируемом состоянии окружающей природной среды.

### Статья 9. Объекты гидрометеорологической деятельности

К объектам гидрометеорологической деятельности относятся климат, метеорологические и гидрологические условия, изменения окружающей природной среды в результате воздействия естественных и антропогенных факторов.

### Статья 10. Субъекты гидрометеорологической деятельности

Субъектами гидрометеорологической деятельности являются:

уполномоченный государственный орган исполнительной власти в области

гидрометеорологии и его территориальные организации;

- организации наблюдательной сети;

- специализированные организации активного воздействия на метеорологические и другие геофизические процессы;

- иные физические и юридические лица, осуществляющие гидрометеорологическую деятельность на основании лицензий.

***Статья 10 [1]. Права и обязанности работников гидрометеорологических органов***

*Работники гидрометеорологических органов имеют следующие права:*

*– носить специальную одежду и отличительный знак;*

***- носить, хранить и использовать гражданское оружие для самообороны при исполнении служебных обязанностей*** **(ЗРТ от 23.07.16 г., №1345)***;*

*– другие права, установленные нормативными правовыми актами.*

*Работники гидрометеорологических органов имеют следующие обязательства:*

*– соблюдать служебную дисциплину;*

*– обеспечивать охрану государственной собственности;*

*– повышать профессиональный и квалификационный уровень;*

*– другие обязанности, определяемые нормативными правовыми актами.*

**(ЗРТ от 26.12.11 г., № 786)**

## ГЛАВА IV.
## ОСНОВАНИЯ И ПОРЯДОК ОСУЩЕСТВЛЕНИЯ ГИДРОМЕТЕОРОЛОГИЧЕСКОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ

**Статья 11. *Лицензирование гидрометеорологической деятельности***

*Лицензирование деятельности в области гидрометеорологии и смежных с ней областях, в том числе выполнение работ по активному воздействию на гидрометеорологические и геофизические процессы и явления, осуществляется в соответствии с Законом Республики Таджикистан «О лицензировании отдельных видов деятельности.*

**(ЗРТ от 3.03.06 г., № 177; от 13.06.07 г., № 285)**

**Статья 12. Виды наблюдений за состоянием окружающей природной среды**

Наблюдения за состоянием окружающей природной среды подразделяются на следующие виды:

- приземные метеорологические; гидрологические; гляциологические;

- агрометеорологические;

- актинометрические и тепло балансовые;

- аэрологические;

- метеорологические радиолокационные;

- озонометрические;

- за уровнями загрязнения атмосферы, вод, почв, земель, снежного покрова и растительного мира.

Наблюдения за состоянием окружающей природной среды могут осуществляться и по отношению к другим элементам окружающей природной среды, а также в особых условиях и оборонных целях.

**Статья 13. Деятельность гидрометеорологической службы Республики Таджикистан в**

**области метеорологии**

Деятельность гидрометеорологической службы в области метеорологии направлена на определение состояния и развития естественных метеорологических явлений, техногенных, физических, химических и иных процессов в атмосфере при их взаимодействии с другими объектами окружающей природной среды.

В целях получения метеорологических данных на стандартных и особых уровнях высот атмосферы, проводятся аэрологические наблюдения.

Для изучения влияния метеорологических условий на развитие сельскохозяйственных культур и формирование урожая проводятся агрометеорологические наблюдения.

Основными задачами деятельности гидрометеорологической службы в области метеорологии являются:

-обеспечение прогностических организаций необходимыми данными для составления прогнозов всех видов метеорологических условий и предупреждений об ожидаемых неблагоприятных условиях;

-оповещение государственных органов, физических и юридических лиц об опасных и стихийных атмосферных явлениях или процессах, климатических, иных метеорологических изменениях окружающей природной среды;

-обобщение достоверных данных о метеорологическом режиме на территории Республики Таджикистан.

**Статья 14. Деятельность гидрометеорологической службы в области гидрологии:**

Деятельность гидрометеорологической службы в области гидрологии осуществляется в целях сбора данных о состоянии рек, озер, водохранилищ, каналов, ледниках, иных водных объектов, и в целом о запасах поверхностных вод, необходимых для:

-удовлетворения потребностей населения и экономики в информации об изменениях гидрологических режимов водных объектов и опасных гидрологических явлениях;

-изучения пространственно-временных закономерностей гидрологического режима, ведения государственного учета вод, водного кадастра, расчета водных ресурсов и водных балансов бассейнов и территорий, оценки влияния хозяйственной деятельности на режим водных объектов и водных ресурсов.

**Статья 15. Наблюдения и контроль гидрометеорологической службы за уровнями загрязнения окружающей природной среды**

Гидрометеорологическая служба осуществляет наблюдения и контроль за уровнями загрязнения атмосферы, поверхностных вод, почв, снежного покрова и растительного мира в целях определения антропогенной нагрузки на указанные объекты окружающей природной среды за счет выбросов (сбросов) загрязняющих веществ и их трансграничного переноса, а также осуществляет наблюдения и контроль за радиоактивным загрязнением атмосферы, вод, почв, и донных отложений.

Перечень загрязняющих веществ, подлежащих наблюдению и контролю, определяется Правительством Республики Таджикистан.

**Статья 16. Гидрометеорологическая деятельность в особых условиях**

Гидрометеорологическая деятельность в особых условиях (стихийные бедствия, катастрофы, аварии и иные чрезвычайные ситуации, ликвидация их последствий) является составной частью функционирования государственной системы предупреждения и ликвидации последствий чрезвычайных ситуаций природного и техногенного характера.

При стихийных бедствиях, катастрофах или авариях, которые повлекли или могут повлечь загрязнение окружающей природной среды, проводятся дополнительные наблюдения за

изменениями в окружающей природной среде.

*Статья 17. Мониторинг состояния окружающей среды*

***Осуществление гидрометеорологической службой наблюдений и другая деятельность, предусмотренные статьями 12-16 настоящего Закона, является основой мониторинга состояния окружающей среды*** **(ЗРТ от 23.07.16 г., №1345)**.

**Статья 18. Пункты наблюдательной сети и их охрана**

Пунктом наблюдательной сети является первичная производственная единица Национальной гидрометеорологической системы и международной гидрометеорологической сети, непосредственно получающая, обрабатывающая и предоставляющая в гидрометеорологические центры данные о состоянии окружающей природной среды.

Снос или перенос пунктов наблюдательной сети гидрометеорологических пунктов, а также открытие новых или закрытие действующих объектов, относящихся к государственной наблюдательной сети производится только с разрешения уполномоченного государственного органа в области гидрометеорологической деятельности по согласованию с *местными исполнительными органами государственной власти*. **(ЗРТ от 26.07.14 г., №1121)**

В целях обеспечения получения достоверной информации о протекании естественных процессов в местах проведения наблюдений за состоянием окружающей природной среды вокруг пунктов наблюдательной сети вводятся охранные зоны с ограничением в них хозяйственной и иной деятельности.

Порядок установления охранных зон и перечень ограничений в них хозяйственной и иной деятельности определяется Правительством Республики Таджикистан.

Отвод земельных участков и водных акваторий для размещения на них наблюдательной сети производится в соответствии с законодательством Республики Таджикистан.

Землевладельцы, землепользователи и иные природопользователи, на земельных участках которых расположены наблюдательные пункты наблюдательной сети, обязаны предоставлять возможность подъезда (подхода) к этим пунктам для производства наблюдений, отбора проб, ремонтных, восстановительных и иных работ.

**Статья 19. Финансирование гидрометеорологической деятельности**

Финансовое обеспечение государственной гидрометеорологической деятельности осуществляется за счет:

-государственного бюджета;

***- специальных средств охраны окружающей среды*** **(ЗРТ от 23.07.16 г., №1345)**;

-иных, не запрещенных законодательством Республики Таджикистан источников.

Гидрометеорологическая деятельность может выполняться и на договорной основе по заказам физических и юридических лиц и без ущерба для выполнения ими заданных объемов работ, финансируемых за счет бюджетных средств.

Работы в области гидрометеорологии при ликвидации последствий чрезвычайных ситуаций финансируются за счет государственного бюджета и других не запрещенных законодательством Республики Таджикистан источников.

## ГЛАВА V.
## ИНФОРМАЦИЯ О СОСТОЯНИИ ОКРУЖАЮЩЕЙ ПРИРОДНОЙ СРЕДЫ

**Статья 20. Категории доступа к информации о состоянии окружающей природной среды, информационной продукции**

Информация о состоянии окружающей природной среды и информационная продукция являются открытыми и общедоступными, за исключением информации, отнесенной законодательством Республики Таджикистан к категории ограниченного доступа;

Информация общего назначения относится к республиканским информационным

ресурсам в области гидрометеорологии.

**Статья 21. Единый государственный фонд данных о состоянии окружающей природной среды**

Единый государственный фонд данных о состоянии окружающей природной среды формируется на основе сбора, обработки, учета, хранения и распространения документированной информации о состоянии окружающей среды. Состав и структура документированной информации о состоянии окружающей природной, среды, а также порядок создания и ведения единого государственного фонда данных о состоянии, окружающей среды, определяется Правительством Республики Таджикистан.

**Статья 22. Порядок предоставления информации о состоянии окружающей природной среды физическими и юридическими лицами**

Информация о состоянии окружающей природной среды предоставляется физическими и юридическими лицами уполномоченному государственному органу в области гидрометеорологии в порядке, установленном Правительством Республики Таджикистан.

**Статья 23. Условия предоставления пользователям (потребителям) информации о состоянии окружающей природной среды и информационной продукции**

Информация о состоянии окружающей природной среды и информационная продукция предоставляется пользователям бесплатно, а также на основе договоров в соответствии с настоящим Законом и законодательством Республики Таджикистан об охране окружающей природной среды.

Информация общего назначения доводится до пользователей в виде текстов в письменной форме, таблицах и графиках по почтовой связи, через средства массовой информации, в сети электронной связи, режиме регулярных сообщений или по запросам пользователей.

Специализированная информация о состоянии окружающей природной среды предоставляется пользователям на основе договоров.

Уполномоченный государственный орган в области гидрометеорологии обязан информировать пользователей о составе предоставляемой информации о состоянии окружающей природной среды, о формах доведения данной информации организациям, осуществляющим информационное обслуживание пользователей.

Порядок предоставления информации о состоянии окружающей природной среды физическим и юридическим лицам иностранных государств устанавливается международными договорами, признанными Таджикистаном, и другими нормативными и правовыми актами Республики Таджикистан.

## *ГЛАВА 5[1] МЕЖДУНАРОДНОЕ СОТРУДНИЧЕСТВО РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН В ОБЛАСТИ ГИДРОМЕТЕОРОЛОГИИ*

(ЗРТ от 23.07.16 г., №1345)

*Статья 23[1]. Международное сотрудничество Республики Таджикистан в области гидрометеорологии*

***Международнее сотрудничество Республики Таджикистан в области гидрометеорологии, осуществляется на основании международных договоров Республики Таджикистан. Республика Таджикистан содействует формированию и развитию международных наблюдательных сетей и международному,обмену информацией о состоянии окружающей среды и степени ее загрязнения.***

***Специальный уполномоченный государственный орган по гидрометеорологии обеспечивает защиту интересов Республики Таджикистан и регулирование деятельности***

*юридических лиц, независимо от организационно-правовых форм, и физических лиц при осуществлении международного сотрудничества в области гидрометеорологии.*

***Порядок участия специального уполномоченного государственного органа в области гидрометеорологии в международном сотрудничестве Республики Таджикистан, в том числе в международном обмене информацией о состоянии окружающей среды, определяется на основе международных договоров Республики Таджикистан, настоящего Закона и иных нормативных, правовых актов Республики Таджикистан*** **(ЗРТ от 23.07.16 г., №1345).**

## ГЛАВА VI.
## ЗАКЛЮЧИТЕЛЬНЫЕ ПОЛОЖЕНИЯ

### Статья 24. Государственный надзор за осуществлением гидрометеорологической деятельности

Задачей государственного надзора за осуществлением гидрометеорологической деятельности является обеспечение всеми её участниками, независимо от форм собственности и подчинённости, и исполнение требований законодательства Республики Таджикистан о гидрометеорологической деятельности.

Государственный надзор за осуществлением гидрометеорологической деятельности проводится республиканским органом государственного управления в области гидрометеорологической деятельности и его территориальными органами в порядке, установленном Правительством Республики Таджикистан.

### Статья 25. Разрешение споров между участниками гидрометеорологической деятельности

Споры между производителями и потребителями информации о состоянии окружающей природной среды разрешаются в судебном порядке.

### Статья 26. Ответственность за нарушение настоящего Закона

Физические и юридические лица, нарушившие настоящий Закон, несут ответственность в соответствии с законодательством Республики Таджикистан.

### Статья 27. Порядок введения в действие настоящего Закона

Настоящий Закон ввести в действие после его официального опубликования.

**Президент**
**Республики Таджикистан** **Э. Рахмонов**

г. Душанбе, 2 декабря 2002 года
№ 86